Суратҷаласаи №3

аз ҷаласаи муттаҳидаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

аз 03 сентябри соли 2020 ш.-ки Данғара

**Иштирок доштанд:** проректори илм ва татбиқот н.и.к. Тағоева С.Э., мудири кафедра Давлатов У.М., д.и.ф., профессор Ҳасани Муродиён, д.и.ф., профессор Саидҷаъфаров О.Ш., н.и.ф.,дотсент Қодиров Д. С., н.и.ф., дотсент Пирхонова Қ., н.и.ф., дотсент Самардинов Қ. Н., н.и.ф., дотсент Наимов Қ., н.и.ф., дотсент Муродов А.

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баррасии рисолаи номзадии аспирант Усмониён Нозила Усмон дар мавзӯи «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо»

Нахуст, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара Давлатов У.М. ҷаласаро кушода оид ба рисолаи илмии диссертант Усмониён Нозила Усмон дар мавзӯи «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ҳозиринро шинос намуд. Сипас, сухан барои баромад ба диссертант Усмониён Н. У. дар бораи сохтор, сарсухан ва навгонии илмии дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ дода шуд.

Мавсуф дар бораи интихоби мавзӯъ, мақсад ва ҳадафи кори илмии худ дар доираи вақти муайяншуда сухан гуфт. Аз суханронии ӯ маълум гардид, ки рисолаи илмии ӯ аз муқаддима, 3 боб (иборат аз 10 фасл) ва хулосаву феҳрасти адабиёт иборат аст. Аспирант дар хусуси мундариҷа, сохтор ва муҳтавои кораш маълумоти мушаххас ироа намуд. Баъдан, суолҳо пешниҳод карда шудаанд, аз ҷониби д.и.ф., профессор Ҳасани Муродиён, н.и.ф., дотсент Наимов Қ., н.и.ф., дотсент Қодиров Д.С. Ба ҳамаи суолҳо диссертант посуххои амиқ дод.

Баъдан, муҳокимаи рисола оғоз ёфт. Устоди кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав д.иф., профессор Ҳасани Муродиён андешаҳои худро оид ба рисола арзёбӣ карда, изҳор намуд,

ки рисола, бо ин ки орӣ аз баъзе навоқис нест, аз нигоҳи куллӣ кори анҷомшуда ба ҳисоб меравад.Рисола дархури замон буда, ба талабот аст. Бе муҳобо, ҳар қисмате аз рисола, ба масоиле, ки дар худ дорад, шоистаи як кори номзадӣ аст.Диссертант тавонистааст аз таҳқиқи масоили дар наздаш гузошташуда барояд. Зимнан, таъкид карданд, ки дар рисола ҷо-ҷо сактаи услуби илмӣ, ки махсуси сабки нигориши осори таҳқиқотӣ ба ҳисоб хоҳад рафт, ба назар мерасид. Номзади илмҳои филологӣ, дотсент Муродов А. андешаҳои худро оид ба рисолаи дисертант баён намуда, қайд кард, ки дар иртибот бо авзони шеърӣ ё абёти шоҳид, ки дисертант дар рисолааш аз онҳо бисёр истинод кардааст, нуқсон ба назар мерасад. Хушбахтона, пас аз назари такрорӣ бар амсоли шоҳиди рисола, нуқсонҳои он бартараф гаштаанд.

Такрори баъзе аз ҷумлаҳо ва абёти шоҳид дар баъзе аз бобҳои рисола, – чунонки н.и.ф., дотсент Наимов Қ. қайд намуданд, аз нуктаҳои дигаре буд, ки бар ҳусни кор костагӣ ба вуҷуд меоварад. Аммо, чунонки аз нусхаи нави рисола бармеояд, он такрорҳо низ пурра бартараф гардидаанд. Дар ниҳояти суханони худ, н.и.ф., дотсент Наимов Қ. изҳор доштанд, ки рисолаи илмии диссертант Усмониён Н.У. барои дарёфти дараҷаи номзадӣ сазовори пешниҳод кардан ба муҳокимаи минбаъда мебошад.

Қодиров Дилшод номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедра ба баррасии рисолаи номзадии Усмониён Нозила Усмон пардохта , зикр намуд, ки рисола аз ҷиҳати муҳтаво, банду баст, талабот ба навишти рисолаҳои илмӣ комилан мувофиқ буда, дар адабиётшиносии муосири тоҷик як саҳифаи тоза мекушояд. Дар воқеъ ашъори Меҳринисо бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар он ҳунар ва расолати шоирии Меҳринисо, корбурди санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ, тасвироти шоирона холисона мавриди баҳс қарор гирифтаанд.Дар рисола як силсила ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, китобатӣ ва услубӣ мушоҳида мешавад, киислоҳи онҳо арзиши баланди рисоларо дучанд менамояд. Дар умум, рисола ба талаботҳои пешниҳоднамудаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон барои навиштани рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои сазовор шудан ба дараҷаи номзади илми филология аз рӯи тахассуси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Аз рӯйи масъалаи мазкур маҷлис қарор кард:

1.Рисолаи илмии асиранти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети лингвистика ва муоширати байнифарҳангии Донишгоҳи давлатии Данғара, Усмониён Нозила Усмон зери унвони «Хусусиятҳои мавзӯӣ, бадеӣ ва сабкии эҷодиёти Меҳринисо» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01

– Адабиёти тоҷик бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳо ба зинаҳои минбаъда баррасӣ тавсия дода шавад.
2.Тамоми эродҳои дар муҳокимаи кафедраҳо нисбат ба рисолаи мазкур баррасигардида аз ҷониби аспирант бартараф карда шавад.

Раискунанда: н.и.ф.,дотсент
декани факултети лингвистика
ва муошират байнифарҳангии
Донишгоҳи давлатии Данғара Қодиров Д.С.

Котиб: мудири кафедраи
забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара Давлатов У.М.

**Тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара
«04» сентябри 2020 Ҷабборӣ Н.Ҷ.